**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Муминова Сафарбегим Бахриевна дар мавзуи "Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ**

Мусаллам аст, ки дар забоншиносии тоҷик то ба ҳанӯз ҳам масъалаҳое мавҷуд ҳастанд, ки таҳқиқу пажуҳишро талаб доранд ва ҳаллу фасли илмии онҳо барои рушду такомули минбаъдаи забони адабии тоҷикӣ такони тоза хоҳанд бахшид. Бахусус, нақши захиравӣ доштани таркиби луғавии лаҳҷа ва шеваҳо дар ташаккули лексикаи забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол муҳиммияти бештареро касб намудааст ва аз ҳисоби калимаву ибора ва истилоҳоти дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ маҳфузбуда зиёд намудани таркиби луғавии забонро талаб менамояд, зеро гӯишҳо ё лаҳҷаву шеваҳои забонӣ тоҷикиро метавон нигоҳдоранда ва ҳифзкунандаи вожаҳои қадимаи забони форсӣ-тоҷикӣ ҳисоб кард. Ин нукта дар чандин суханрониҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид гардидааст, ки: "Забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарвати бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд".

Бо дарки ин маънӣ ва саҳм гузоштан дар рушди забони адабии тоҷик ҳамчун мавзуи таҳқиқотӣ интихоб гардидани "Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон" мувофиқи мақсад ва тақозои замон мебошад ва дар ҳаллу фасл намудани бархе аз масъалаҳои илми забоншиносӣ ва шевашиносии тоҷик такони тоза хоҳад бахшид.

Дар забоншиносии тоҷик гарчанде ки вобаста ба лаҳҷа ва шеваҳои забони тоҷикӣ асару мақолаҳо ва таҳқиқотҳои гуногун аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили А.З. Розенфелд (аввалин муҳаққиқи лаҳҷаҳои тоҷикии Бадахшон), М.С. Андреев, И.И.Зарубин, В.С. Растаргуева, Ю.И. Богорад, Л.Р. Лоример, Р. Готио, С.И. Климчитский, Ғ.Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, А. Мирбобоев ва дигарон рӯйи кор омада бошанд, вале ба таври низомнок лексикаи як ё гурӯҳи лаҳҷаҳои алоҳидаи тоҷикзабонони Бадахшонро мавриди пажуҳиш қарор надодаанд. Ин аст, ки дар шакли диссертатсияи ҷудогона дар асоси талаботи методҳои муосир ба риштаи таҳқиқ кашида шудани мавзуи

мазкур аз ҷониби рисоланавис бори аввал сурат гирифтааст. Муаллиф ҳангоми баррасии мавзуи таҳқиқотӣ мақоми калимаҳои умумитоҷикӣ, диалектизмҳои лексикӣ, ҳудуди интишори диалектизмҳо, таснифоти мавзуию маъноии онҳо, хусусияти ашёӣ (исмӣ) ва ғайриашёӣ (сифати, феълӣ ва зарфӣ) зоҳир намудани онҳо, гурӯҳбандӣ, таҳлили луғавию маъноӣ, мансубияти забонӣ, иқтибосшавии калимаҳои забонҳои дигар ба муҳити лаҳҷаи мазкурро нишон дода, ҳадаф ва вазифаҳои дар пешгузошташударо иҷро намудааст.

Аҳаммияти амалии кори мазкур аз он иборат аст, ки дар он маводи хеле фаровони дар лаҳҷаи мазкур истифодашаванда дар муқоиса бо дигар шеваю лаҳҷаҳо ва забони адабӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Маҳз дар заминаи маводи рисола метавон луғати шеваи ҷанубии забони тоҷикиро такмил дод. Ҳамзамон маълумотҳои назариявию амалии рисола барои такомули сифатии китобҳои шевашиносӣ, баъзе мавзуъҳои лексикологияи забони адабӣ, фанҳои услубшиносию ҳуни баён мусоидат карда метавонад. Инчунин калимаю истилоҳоти лаҳҷавии рисоларо барои иваз намудани баъзе калимаҳои иқтибосии дурушту носуфтаи забони адабии ҳозираи тоҷик истифода бурдан мумкин аст.

Кори таҳқиқотии Муминова С.Б. аз муқаддима, 3 боб, 42 зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт, ихтисораҳо ва замимаҳо таркиб ёфтааст.

Боби якуми рисола “Таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” унвон дошта, аз се фасл ва 4 зерфасл иборат аст. Дар ин қисмати кор калимаҳои умумитоҷикӣ, диалектизмҳои лексикӣ, нишонаи унсурҳои классикӣ дар лаҳҷаҳои мазкур мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шуда, муаллиф бо овардани калимаҳои зиёди лаҳҷаи таҳқиқшаванда ва муқоисаи онҳо бо дигар лаҳҷаҳо ва забони адабии тоҷикӣ таҳаввулоти фонетикии дохилӣ дар зери таъсири забони вахонӣ, шабеҳияти таркиби овозӣ бо забони умумихалкӣ ва адабии китобӣ, хусусияти маҳаллӣ ва минтақавӣ касб намудани диалектизмҳоро бо дарназардошти ҳудуди интишор ва муносибаташон бо лаҳҷаҳои ҳамгурӯҳи минтақаҳои Кӯлобу водии Рашт ва шеваи ҷануби шарқиро шарҳ додааст.

Дар боби дуюми рисола “Таснифоти маъноиву мавзуии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст ва дар ду фасл хусусиятҳои фарққунандаи калимаҳои ашёӣ ва ғайриашёии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон таҳлил карда шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия “Калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳчаи тоҷикзабонони водии Вахон” унвон гирифта, роҳҳои ҳазмшавии вожаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва русӣ-аврупоӣ, истифодаи калимаҳои забонҳои помирӣ, забонҳои дарӣ ва пашту, калимаҳои яғнобӣ аз ҷониби муаллиф дар ин боб нишон дода шудааст.

Хулосаи кори илмӣ мазмун ва мундариҷаи бобу фаслҳоро дар 13 банд инъикос намудааст.

Феҳристи адабиёти фарогири 340 номгӯй мебошад, ки он вобаста ба моҳияти худ ва аз ҷиҳати забонӣ аз рӯйи тартиби алифбо ва муқарраротн мавҷуда гуруҳбандӣ шудааст, ки ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Муаллиф барои тақвияти фикрҳои дар диссертатсия баёндошта дар бахши “Замима” 9 таблитсаро овардааст.

Мундариҷа ва натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз ду қисмат: якум мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и ФР ба нашр расидаанд ва дуюм мақолаҳое, ки дар нашрия ва маҷаллаҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд, иборат мебошад, ки дар маҷмуъ 14 номгӯйро ташкил додаанд.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои рисолаи илмиро фаро гирифтаанд.

Дар баробари чунин муваффақиятҳо ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар боло зикр гардиданд, дар кор баъзе камбудиҳое низ ошкор гардиданд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия мусоидат хоҳад кард:

1. Хеле хуб мешуд, агар калимаҳои лаҳҷавӣ, бахусус, вожаҳое, ки тарзи талаффузи онҳо ба гуруҳи забонҳои помирӣ, яғнобӣ, пашту ва дигар шабоҳат дорад, дар транскрипсия зикр мегардид.

2. Дар баъзе ҳолатҳо ягонагии корбурди унвони зербобҳои мундариҷа бо унвони зербобҳои дохили диссертатсия риоя нагардидааст. Чунончи: зербоби 1.3. *“Маҳфуз мондани унсурҳои классикӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон”* номгузорӣ шудааст, вале дар дохили кор бошад ҷои ибораи “Маҳфуз мондани” вожаи “Мондагории” (саҳ 53) омадааст. Ба ҳамин монанд дар зербоби 2.1.2. (саҳ 65), 2.1.6. (саҳ 79), 2.1.8. (саҳ 82) низ то андозае номувофиқатии унвони зербобҳо мушоҳида карда мешавад.

3. Ҳангоми таҳлилу баррасии мавод барои муқоиса вожаҳои лаҳҷаву шеваҳои дигар минтақаҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд

ва хуб мешуд, ки диалектизмҳои лексикии дар минтақаи Кӯлоб, водии Рашт, шеваи ҷануби шарқӣ ва дар дигар минтақаҳо интишоргардида на ба таври умумӣ, балки мушаххастар зикр карда мешуданд.

Камбудиҳои ҷойдошта ислоҳшавандаанд ва моҳияту қиммати илмии диссертатсияро коста нахоҳанд кард ва дар маҷмуъ характери тавсиявӣ доранд.

Диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна таҳти уновни “Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон” кори илмӣ – таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи «Низомномаи Шурои диссератсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.


Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Қурбонмамадов С.Х.

Имзои Қурбонмамадов С.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон Асоев С.П.

Имзои Қурбонмамадов С.Х
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Сардори шуъбаи кадрҳо

ШУЪБАИ КАДРҲО

Сана: “04” 09. 2023

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шариф 3.
Тел: (+992) 93 516 01 48.
E-mail: somon8383@mail.ru.